МУОВИНИ ЯКУМИ САРВАЗИРИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПЕРВЫЙ ЗАМЕСТИТЕЛЬ ПРЕМЬЕР - МИНИСТРА
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

*Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон [illegible] Коҳир Расулзода [illegible] Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [illegible] Саидзода А.А. [illegible]*

✓Кумитаи давлатии сармоягузорӣ
ва идораи амволи давлатӣ
Агентии омор

Барои иҷро.

*Ба Маҷидӣ Ю*

ДАВЛАТАЛӢ САИД

№ 22/3-71
"17" марта 2018

«Тасдиқ мекунам»
Муовини якуми Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯро,
__________ Давлаталӣ Саид

«13» марта соли 2018

Протоколи №4
ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ

Раисикунанда, Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ - Давлаталӣ Саид.

Дар ҷаласа ҳайати Шӯро ва шахсони масъули даъватшуда иштирок доштанд.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Тасдиқи шакл ва тартиби пешбурди Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ.
2. Баррасии рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки ба соҳаи истеҳсолӣ мансуб мебошанд ва ҳисоботи омориро оид ба истеҳсолот ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи омор месупоранд.

Ҷаласаро Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯро оғоз карда, ҳозиринро бо масъалаҳои баррасишавандаи рӯзномаи ҷаласа шинос намуданд.

Дар оғози ҷаласа Раиси Шӯро қайд намуд, ки дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ба муҳлати ду сол мораторий эълон карда шуд ва дар ин замина, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои

фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» аз 16 январи соли 2018, №990 ба имзо расид.

Илова бар ин қайд намуданд, ки тибқи фармони мазкур ба санҷишҳои нақшавии Кумитаи андоз, Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Бонки миллӣ истисно дода шудаанд.

Дар баробари ин иброз гардид, ки мақсад аз эълон гардидани мораторий ин дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ буда, он барои таҳкими иқтидори саноатию содиротии ҷумҳурӣ, кам намудани санҷишҳо ва фароҳам овардани фазои шаффоф ва мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

Инчунин иттилоъ доданд, ки заминаҳои ҳуқуқии мораторий дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» пешбинӣ гардидаанд, ки он аз 21 феврали соли 2018, №1505 қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст.

Қайд карда шуд, ки тибқи талаботи Қонуни мазкур мутобиқати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ аз ҷониби Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ муайян карда мешавад.

Бинобар ин, Агентии омор рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолотро месупоранд ба Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ пешниҳод менамояд. Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ тибқи тартиби муқарраргардида рӯйхати пешниҳодгардидаро баррасӣ намуда, дар хусуси ворид намудани шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ қарорҳои дахлдор қабул менамояд. Инчунин, Шӯро шакли Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва тартиби пешбурди онро тасдиқ менамояд.

Дар як вақт аз ҷониби Раиси Шӯро зикр гардид, ки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ» ва барномаи солонаи корҳои оморӣ, ки ҳарсола аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, субъектҳои соҳибкорӣ оид ба истеҳсоли молу маҳсулот ҳармоҳа ба мақомоти омор ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолотро пешниҳод менамоянд.

Бинобар ин зарур шуморида шуд, ки ҷиҳати ҳарчӣ бештар баҳраманд гаштани истеҳсолкунандагони молу маҳсулот аз имтиёзи пешниҳоднамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои



миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Агентии омор вазифадор гардид, ки барои саривақт омода намудани рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ҳисоботи омориро оид ба истеҳсолот месупоранд, чораҳои зарурӣ андешида, онро ҳармоҳа барои баррасӣ ба Шӯро пешниҳод намояд.

Ҳамзамон, қайд гардид, ки ба ҳолати 1 январи соли 2018 дар ҷумҳурӣ зиёда аз 300 ҳазор субъекти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шудааст ва аз ин шумора тибқи маълумоти омори расмӣ 151 ҳазору 885 ададро субъекти соҳибкории истеҳсолӣ ташкил медиҳад.

Вобаста ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа Раиси Шӯро ташаккур доданд, ки мувофиқи муқарраротҳи қисми 4 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ» бояд шакли Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва тартиби пешбурди он аз ҷониби Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ тасдиқ карда мешавад.

Оид ба тартиби пешбурди Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва тартиби пешбурди он Котиби масъули Шӯро, сардори Раёсати пешбурди низоми иҷозатдиҳии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ - Ҳақназарзода Комилҷон Сайдулло баромад намуда, маълумоти муфассал пешниҳод намуд.

Доир ба лоиҳаи Тартиби пешбурди Феҳрист Вазири адлия, аъзои Шӯро Рустам Шоҳмурод баромад намуда, хулосаи расмии худро ба Раиси Шӯро пешниҳод намуданд. Ҳамзамон қайд карданд, ки аз банди 9 Феҳрист калимаҳои "(дар ҳолати зарурӣ бо дигар забонҳои хориҷӣ)" хориҷ карда шавад.

Аз рӯи масъалаи дуюми рӯзнома, директори Агентии омор, Ҳасанзода Гулнора Кенҷа баромад намуда, оид ба рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки ба соҳаи истеҳсолӣ мансуб мебошанд ва ҳисоботи омориро оид ба истеҳсолот ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи омор месупоранд, маълумоти муфассал пешниҳод намуд. Дар баромади худ ӯ қайд намуд, ки ба ҳолати 1 январи соли 2018 дар ҷумҳурӣ 151 ҳазору 885 адад субъекти соҳибкории истеҳсолӣ мавҷуд аст, ки аз ин нишондиҳанда 1397 адад корхонаи сохтмонӣ, 1792 адад корхонаи саноатӣ, 5664 адад кооперативи тиҷоратӣ ва 143 032 адад хоҷагиҳои деҳқониро ташкил медиҳад. Инчунин, дар ин раванд гуфта шуд, ки рӯйхати пешниҳодшаванда бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст.

Раиси Шӯро, Давлаталӣ Саид аз рӯи кадом меъёр муайян намудани ширкатҳои сохтмонӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ аз Директори

Агентии омор – Ҳасанзода Гулнора пурсон шуданд. Дар навбати худ, роҳбари мақомоти омор иброз намуд, ки ҳамун истеҳсолунандаи молу маҳсулот мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ соҳаҳои истеҳсолӣ, кишоварзӣ, саноат ва сохтмон дохил мешаванд.

Дар ҷараёни муҳокима, Вазири кишоварзӣ бароmad намуда, қайд кард, ки тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) субъектҳои соҳибкорӣ буда, ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд ва ворид намудани онҳо ба Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Вобаста ба масъалаҳои мазкур, инчунин аъзои Шӯро – вазири адлия, молия, саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, раиси кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, замин ва геодезӣ, намояндаи Кумитаи андоз, бахши хусусӣ ва дигарон иштирок намуданд.

Ҷиҳати аз байн бурдани гуногунфаҳмӣ ва баҳсҳои эҳтимолӣ оид ба мутобиқати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ Раиси Шӯро таклиф намуданд, ки гурӯҳи кории байниидоравӣ дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ таъсис дода шуда, лоиҳаи Тартиби пешбурд ва шакли Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ такмил, инчунин меъёрҳо барои муайян намудани шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолотро месупоранд, муқаррар карда шаванд. Таклифи мазкур аз ҷониби аъзои Шӯро ҷонибдорӣ карда шуд.

Баъд аз муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа қарорҳои зерин қабул карда шуд:

1. Бо мақсади такмили лоиҳаи Тартиби пешбурд ва шакли Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, инчунин муқаррар намудани меъёрҳо барои муайян намудани шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолотро месупоранд, гурӯҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ таъсис дода шавад.

2. Гурӯҳи корӣ вазифадор карда шавад, ки лоиҳаи Тартиби пешбурд ва шакли Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ такмил ва меъёрҳоро барои муайян намудани шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолотро месупоранд, муқаррар намоянд.



3. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз натиҷаи кори гурӯҳи корӣ ба ҷаласаи навбатии Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ ҳисобот ва лоиҳаи такмилдодаи Тартиби пешбурд ва шакли Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолиро барои баррасӣ пешниҳод намояд.

4. Агентии омор бо дарназардошти қарори қабулнамудаи гурӯҳи кории байниидоравӣ рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолотро мувофиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда месупоранд, такмил дода, бо маълумоти асоснок ба баррасии ҷаласаи навбатии Шӯро пешниҳод намояд.

5. Назорати иҷрои Протоколи мазкур ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вогузор карда мешавад.

| | |
|---|---|
| Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, муовини Раиси Шӯро | Ф. Ҳамрализода |

Аъзои Шӯро:

| | |
|---|---|
| Вазири адлия | Р. Шоҳмурод |
| Вазири молия | Ф. Қаҳҳорзода |
| Вазири рушди иқтисод ва савдо | Н. Ҳикматуллозода |
| Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | Н. Олимзода |
| Вазири саноат ва технологияҳои нав | Ш. Бобозода |
| Вазири корҳои дохилӣ | Р. Раҳимзода |
| Вазири кишоварзӣ | И. Саттorӣ |
| Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ | Қ. Ҳакимзода |

Рохбари Иттифоки рушди бахши хусусии Точикистон (намояндаи бахши хусусӣ) — Ф. Рачабов

Муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ — Нигина Анварӣ

Котиби масъули Шӯро — К. Ҳақназарзода